# ҚАРОРИ
# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар бораи Нақшаи чорабиниҳои марҳилаи дуюми татбиқи «Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020»

Мутобиқи моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоиҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои инкишофи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди соҳибкорӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қ а р о р м е к у н а д:

1. Нақшаи чорабиниҳои марҳилаи дуюми Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020 тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Вазорату идораҳои дахлдор ҳар нимсола ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои «Нақшаи чорабиниҳои марҳилаи дуюми татбиқи Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020» ахборот пешниҳод намоянд.

3. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол оид ба татбиқи Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020 ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ахборот пешниҳод намояд.

Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон

Аз 1 декабри соли 2014 №740

Замима:

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2014

№740 тасдиқ шудааст

**Нақшаи чорабиниҳои марҳилаи дуюми татбиқи Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020**

| № | Номгӯи чорабиниҳо | Натиҷаи кор | Мӯҳлати иҷроиш | Иҷрокунандагон ва шарикон |
|---|---|---|---|---|
| **I Такмилдиҳии қонунгузорӣ дар бахши танзими фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ** | | | | |
| 1. | Таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фаъолияти субъектҳои соҳибкориро ба танзим медарорад ва коркарди пешниҳодҳо оид ба такмилдиҳии онҳо. | Заминаи меъёрии ҳуқуқии соҳаи соҳибкорӣ беҳтар ва мукаммал гардонида мешавад. | Мунтазам | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, вазорату идораҳои дахлдор ташкилотҳои байналмилалӣ, бахши хусусӣ. |
| 2. | Таҳияи санадҳои зерқонуние, ки қабули онҳо дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» пешбини гардидааст. | Механизми нави дастгирӣ ва ҳимояи давлатии соҳибкорӣ ҷорӣ карда мешавад. | 2015 | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, вазорату идораҳои дахлдор, ташкилотҳои байналмилалӣ, бахши хусусӣ |
| 3. | Таҳия намудани пешниҳодҳои мушаххас дар раванди рушди соҳибкории истеҳсолӣ, аз ҷумла дар соҳаҳои саноат, кишоварзӣ, сохтмон ва дигар соҳаҳо бо дарназардошти муайян намудани онҳо ҳамчун самтҳои афзалиятнок. | Рушди иқтисодиёти миллӣ тавассути рушди бахши хусусии истеҳсолӣ таъмин мегардад. | 2015-2007 | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Вазорати саноат ва технологияҳои нав, ташкилотҳои байналмилалӣ, бахши хусусӣ. |
| 4. | Таҳлили татбиқи меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарики давлат ва бахши хусусӣ» ва дар ҳолати зарурӣ ворид намудани тағйиру | Ба ҳамкориҳои давлат ва бахши хусусӣ тақвият башида, сарбории буҷети давлатӣ дар соҳаҳои муайян коҳиш дода | 2015-2017 | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, вазорту идораҳо, бахши хусусӣ ва шарикони рушд. |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | иловаҳо ба он. | мешавад. | | |
| 5. | Таҳияи санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ оид ба санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор | Механизми нави санҷиши фаъолияти субъектони хоҷагидор ҷорӣ карда мешавад. | 2015 | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, вазорату идораҳои дахлдор ташкилотҳои байналмилалӣ, бахши хусусӣ |
| 6. | Таҳлили қонунгузории амалкунанда ва баррасии механизми баҳсҳои иқтисодӣ дар фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ | Ҳуқуқҳои субъектҳои соҳибкорӣ ҳангоми баҳсҳои иқтисодӣ холисона риоя карда мешавад. | 2015-2016 | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, суди иқтисодӣ, вазорату идораҳои дахлдор бахши хусусӣ ва шарикони рушд. |
| 7. | Таҳлили ҳолати муфлисшавии субъектҳои соҳибкорӣ ва дар ҳолати зарурӣ ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муфлисшавӣ». | Расмиёти муфлисшавии корхонаҳо соддатар гардида, ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ карда мешаванд. | 2015-2017 | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, вазорату идораҳои дахлдор, бахши хусусӣ, шарикони рушд. |
| **II. Дастгирӣ бахри устувор намудани муколамаи байни давлат ва бахши хусусӣ** | | | | |
| 8. | Гузаронидани таҳлил оид ба вазъи соҳибкории хурду миёна дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт ва дар ин замина омода намудани пешниҳодҳои мушаххас оид ба беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ, мониторинги татбиқи санадҳои меъёри ҳуқуқии зиддинҳисорӣ | Маълумоти ҳақиқӣ оид ба вазъи соҳибкорӣ дастрас гардида, омилхое, ки ба рушди соҳибкорӣ халал мерасонанд, ошкор карда мешаванд. | Мунтазам | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Агентии омор, Хадамоти зиддинҳисорӣ, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ, Кумитаи андоз, Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ, бахши хусусӣ |
| 9. | Таҳлил ва омӯзишӣ санадҳо, дастурҳо, шартномаҳо ва имтиёзҳои фароҳамовардашуда ба субъектҳои хоҷагидор дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва | Пешгири ва бартараф намудани амалҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳалӣ, ки мустақилияти субъектҳои хоҷагидоиро маҳдуд месозанд, шароити табъизи ва ё баръакс | 2015-2016 | Хадамоти зиддиинҳисорӣ, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ, шарикони рушд, бахши хусусӣ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | деҳот. | имконияти мусоидро барои фаъолияти субъектҳои хоҷагидории алоҳида фароҳам меоранд | | |
| 10. | Таҳияи Нақшаи чорабиниҳои мушаххас оид ба масъалаи соддагардонии механизми ҳисоботсупории оморӣ барои субъектҳои соҳибкорӣ | Супоридани ҳисоботҳои оморӣ барои соҳибкорон беҳтар ва самаранок мегардад. | 2016 | Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, шарикони рушд. |
| 11. | Гузаронидани вохӯриҳои мунтазам ҷиҳати таъмини муколамаи давлат ва бахши хусусӣ, ошкор ва баррасӣ намудани масъалаҳои ҳалталаб, доир намудани форумҳои иқтисодӣ намоишгоҳҳои тиҷоратӣ, ярмаркаҳо дар дохил ва хориҷи кишвар. | Муколамаи давлат ва бахши хусусӣ бо мақсади бартараф намудани омилҳои пешгирандаи рушди соҳибкорӣ ба танзим даровarда шуда, имконияти соҳибкорон барои ҷалби сармоя васеъ мешавад. | Ҳамасола | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Палатаи савдо ва саноат, вазорату идораҳои дахлдор, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ, бахши хусусӣ |
| 12. | Таҳлили низоми иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият ва дар ин замина гузаронидани ислоҳоти низоми иҷозатномадиҳӣ (литсензиядиҳӣ) дар ҷумҳурӣ | Шумораи фаъолиятҳое, ки дар асоси иҷозатнома (литсензия) амалӣ мешаванд, кам мегарданд ва ба ин васила монеаҳои маъмурӣ барои фаъолияти соҳибкорӣ аз байн бардошта мешавад | 2015-2017 | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор |
| | **III. Баланд бардоштани иқтидори соҳибкорон** | | | |
| 13. | Ташкил ва баргузории семинарҳо, конфронсҳо, тренингҳо, курсҳои омӯзишӣ, озмунҳо, мизҳои мудаввар ва дигар чорабиниҳои омӯзишӣ ва шиносоӣ оид ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва ислоҳот дар ин самт. | Иқтидори касбии соҳибкорон, аз ҷумла маърифати ҳуқуқӣ ва иқтисодии онҳо баланд бардошта мешавад. Робитаҳои онҳо бо соҳибкорону сармоягузорони хориҷӣ тақвият меёбад. | Мунтазам | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, вазорату идораҳои дахлдор, Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ, бахши хусусӣ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 14. | Ташкил намудани телефони боварӣ ва саҳифаи алоҳида дар сомонаи расмии Кумита барои муроҷиати субъектҳои соҳибкорӣ | Дастрасии итилоот дар самти ислоҳотҳои рушди соҳибкорӣ беҳтар гардида, мроҷиатҳои шифоҳии соҳибкорон сари вақт барраси карда мешаванд. | 2015 | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шарикони рушд ва бахши хусусӣ. |
| 15. | Гузаронидани муҳокимаи оммавӣ оид ба лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки рушди соҳибкориро ба танзим медароранд. Ҷалби васеи бахши хусусӣ дар таҳия ва татбиқи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ вобаста ба рушди соҳибкорӣ. | Маълумотнокии соҳибкорон дар соҳаи рушди соҳибкорӣ, қонунгузории андозӣ, гумрукӣ ва шаффофияти таҳия ва тасдиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ баланд бардошта мешаванд. Иштироки бахши хусусӣ дар таҳияи санадҳои меъёрию ҳуқуқии бахши соҳикборӣ васеъ карда мешавад. | Мунтазам | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Кумитаи телевизион ва радио, Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ, бахши хусусӣ. |
| 16. | Ташкил кардани бизнес-инкубаторҳо барои соҳибкорон дар шаҳрҳои Душанбе, Кулоб, Хоруғ ва минтақаи водии Рашт. | Шумораи корхонаҳои соҳибкорӣ зиёд карда мешавад, дастгирии соҳибкорон ба хизматрасонии машваратӣ, ҳуқуқи ва ғайраҳо беҳтар мегардад. | 2015-2017 | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ, бахши хусусӣ. |
| **IV. Дастгирии субъектҳои соҳибкории истеҳслкунандаи маҳсулот ва (ё) таъминкунандаи кор ва хизматрасонӣ** | | | | |
| 17. | Дуруст ба роҳ мондани маъмурикунонии андоз бо истифода аз технологияи иттилоотӣ ва дар ин замина зиёд кардани хизматрасониҳои электронӣ ба андозсупорандагон. | Сарфаи вақт ва хароҷотҳои иловагиии соҳибкорон кам карда мешавад. Шумораи соҳибкороне, ки эъломияи (ҳисоботи) андозро тариқи электронӣ пешниҳод менамоянд зиёд карда мешавад. | 2015-2017 | Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. |
| 18. | Бо мақсади ҳавасмандгардонии | Баланд шудани сатҳи | Ҳамасола | Кумитаи андоз, Кумитаи давлатии |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | соҳибкорони бомасъулият дар иҷрои ӯҳдадориҳои андозӣ, сарфароз гардонидани онҳо бо ифтихорномаҳои мақомоти андоз. | маърифатнокӣ ва фарҳанги андозсупории соҳибкорон | | сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. |
| 19. | Омода намудани пешниҳодҳо ҷиҳати ҳавасмадгардонии соҳибкорони бомасъулият, бо мақсади баланд бардоштани масъулияти соҳибкорон дар иҷрои ӯҳдадориҳои андозӣ. | Пардохтҳо аз ҷониби соҳибкорон ба буҷет зиёд мегарданд. | 2015-2017 | Кумитаи андоз, вазорату идораҳои дахлдор, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 20. | Ҳавасмандгардонии субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ, ки аз натиҷаи татбиқи босамари қонунгузории мораторияи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидаанд. | Барои дар сатҳи зарурӣ иҷро кардани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мораторияи санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ", ҳамчунин баланд бардоштани ҳавасмандии онҳо барои саривақт ва босифат иҷро кардани мақсад ва вазифаҳои касбӣ | 2015 | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор. |
| 21. | Тақвият бахшидан ба системаи иттилоотии «Равзанаи ягонаи барасмиятдарории амалиёти содиротию воридотӣ ва транзитӣ» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. | Сода ва шаффоф гардонидани хизматрасониҳои мақомоти давлатӣ ба соҳибкорон ҳангоми танзими савдои хориҷӣ | 2015 | Хадамоти гумрук, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Шарикони рушд. |
| | **V. Такмилдиҳии низоми қарздиҳии молиявии субъктҳои соҳибкории хурду миёна** | | | |
| 22. | Тақвият бахшидани фаъолияти Муассиссаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкорӣ», ва таъсис додани чунин фондҳо дар шаҳри Душанбе ва вилоятҳои ҷумҳурӣ. | Дастрасии соҳибкорон ба маблағҳои қарзии имтиёзнок беҳтар гардида, мақомотҳо имконияти амалӣ намудани барнормаҳои муҳимро дар ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ ба | Мунтазам | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ. |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | роҳ мемонанд. | | |
| 23. | Мусоидат ба имкониятҳои дастрас намудани қарзҳои имтиёзноки дарозмудат ва истифодаи бештари маблағҳои сармоягузорӣ бо мақсади такмили технологияҳо ва фондҳои асосии истеҳсолоти корхонаҳои саноатӣ | Воридотитехнологияҳои нав ва зиёдшавии ҳаҷмиистеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир беҳтар карда мешавад | 2015-2017 | Бонки миллӣ, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ,Вазорати рушди иқтисод ва савдо, МД «Фонди дастгирии соҳибкорӣ». |
| 24. | Омӯзонидани шаҳрвандони бекор бо касбу ихтисосҳои ба талаботи бозори меҳнати кунунии дохилӣ ва хориҷӣ ҷавобгӯй дар курсҳои кутоҳмуддати марказҳои таълимии системаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ, бо шаҳодатнома тасдиқ намудани малакаи касбии муҳоҷирони меҳнатӣ ва дастгирии онҳо дар ин самт. | Аз ҳисоби маблағҳои Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ давоми солҳои 2015-2017 тавассути пардохти қарзҳои имтиёзнок аз ҷониби мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ аксарияти шаҳрвандони бекор ба фаъолияти соҳибкорӣ фаро гирифта шуда дар давоми солҳои 2014-2015, 31590 шаҳрвандон ба тайёрии касби фаро гирифта мешаванд:<br>-дар соли 2014-15200 нафар;<br>-дар соли 2015-16390 нафар. | 2014-2017 | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Бонки миллӣ, бахши хусусӣ ва шарикони рушд |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 25. | Андешидани чораҳои зарурӣ оид ба баланд бардоштани сифати молу маҳсулоти содиротӣ, мутобиқи талаботи стандартҳои давлатию байналмилалӣ таҳлили ташкил ва гузаронидани ташхиси (экспертизаи) назорати миқдор, сифат ва пуррагии молу маҳсулот, ашёи хом ва таҷҳизотҳо ҳангоми содироту, воридот. | Таъмини ҳимоя ва ҳуқуқи манфиатҳои соҳибкорон ҳангоми воридот ва содироти молҳо беҳтар мегардад. | 2015-2017 | Вазорати саноат ва технологияҳои нав, Агентии Тоҷикстандарт, Вазорати кишоварзӣ, Вазорати тандурусти ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Палатаи савдо ва саноат, Хадамоти гумрук, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ. |
| 26. | Адешидани тадбирҳо оид ба пешниҳоди фармоишҳои давлатӣ ба маҳсулоти корхонаҳои саноатии дохили барои таъминоти муассисаҳое, ки аз буҷаи ҷумҳурӣ маблағгузорӣ мешаванд. | Вусъат додан ба гардиши асъор дар дохили кишвар ва бозорёбии маҳсулоти истеҳсоли маҳалӣ | 2015-2017 | Вазорати молия, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Агентии давлатии хариди мол кор ва хизматрасонӣ |
| 27. | Беҳтар намудани фазои рақобатпазирӣ ва роҳ надодан ба инҳисор (монополия) аз тарафи гуруҳи соҳибкорони истеҳсолӣ, ва корҳои фаҳмондадиҳи байни соҳибкорон оиди риояи талаботи қонунгузории зиддиинҳисорӣ. | Таъмини рақобати баробар барои ҳамаи корхонаҳо. | 2015-2017 | Хадамоти зиддиинҳисорӣ, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ |
| 28. | Ҷалби бештари сармояи ватанию хориҷӣ барои рушди истеҳсолоти корхонаҳои саноатӣ ва соддатар намудани расмитёи иҷозатдиҳӣ ва иҷозатномадиҳӣ. | Воридоти технологияҳои нав ва зиёдшавии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир. | 2015-2017 | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, вазорату идораҳои дахлдор, бахши хусусӣ ва шарикони рушд |
| 29. | Ташкили низоми иттилооти ва хизматрасонии «Равзанаи ягона» барои сармоягузорон. | Осон ва камхарҷ намудани чараёни сармоягузорӣ ва дастрас намудани маҷмуи иттилоот оид ба сармоягузорӣ дар Тоҷикитсон аз як мақомот. | 2015-2017 | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, вазорату идораҳо, шарикони рушд |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 30. | Таъсис додани гурӯҳи корӣ оид ба таквият бахшидан ба рушди соҳибкорӣ байни ҷавонон, занон ва маъюбон | Беҳтаркунии мувофиқати принсипҳои стратегии барнома ва хизматрасонӣ оид ба дастгирии соҳибкори байни ҷавонон, занон ва маъюбон беҳтар мегардад. | доимӣ | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, шарикони рушд, бахши хусусӣ. |

Эзоҳ: Иҷроиши бандҳои Нақшаи чорабиниҳои ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ вобаста буда аз ҳисоби маблағҳои Муасиссаи давлатии «Фонди дастгирии сохибкорӣ», шарикони рушд ва маблағҳои ғайрибуҷетӣ амалӣ карда мешавад.